# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз руйи онҳо диссертатсия пешниҳод шудааст***

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)), аз ҷумла банди 1 - Методологияи омӯзиши фанҳои мушаххас, банди 2 - Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш, банди 3 - Муҳтавои омӯзиш ва банди 4-уми шиносномаи мазкур - Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзиш мутобиқ мебошад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия***

Рисолаи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” ба таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бахшида шудааст.

Нутқи мураттаб тарзи баёнест, ки истифодаи маҷмӯи маҳорат ва малакаҳои нутқии гуногуни пештар аз худнамудаи хонандагон, аз ҷумла нутқи аз ҷиҳати имло дуруст ва аз ҷиҳати интонатсия таъсирбахш (ҳангоми шифоҳӣ баён намудан), аз ҷиҳати имло ва пунктуатсия дуруст ва мукаммал бударо (ҳангоми хаттӣ баён намудан) дар назар дорад. Ифоданокӣ ва гуногунрангӣ, эҳсос ва тартиби мантиқии нутқ ҳам дар ҳолати аввал (нутқи шифоҳӣ) ва ҳам дар ҳолати дувум (нутқи хаттӣ) ба назар гирфта мешавад.

Нутқи мураттаб бетартиб, бемазмуну мундариҷа, бетаъсир буда наметавонад, агар он бо луғати бой ва фразеологияи бамаврид, бо малакаҳои истифода карда тавонистани таркибҳои гуногуни наҳвӣ (синтаксисӣ), бо маҳорати фарқ карда тавонистани хусусиятҳои услубӣ ва обуранги маънои гуногун аз рӯйи сохти ибора ва ҷумла асоснок гардида бошад.

Муҳақақ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ин ҷо оид ба нутқи мураттаби хонандагон ва махсусиятҳои он ба монанди вазифа, шакл, намуд, вазифаҳои мантиқӣ, услубӣ ва шаклҳои мураккаби нутқро мавриди назар қарор диҳад.

Дар замони муосир инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дарсҳои забони модарӣ аҳамияти хоса дорад, зеро маҳз давраи мактабӣ, ҳамчун давраи пурсамартарин буда, барои ташаккули шавқу ҳавас, ақида ва завқи донишандӯзии хонандагон замина мегузорад. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон раванди муттасилест, ки дар давоми он фаъолияти эҷодии хонандагон ташаккул меёбад ва он ҳамчун асос тафаккур ва тахаюлотро ривоҷ медиҳад.

Муҳаққиқ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна бамаврид қайд намудааст, ки инкишофи нутқи мураттаб ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия ва такмилдиҳандаи қобилияти эҷодии хонандагон буда, он манбаи некӣ, зебой ва ҳамоҳангии эҳсосот аст. Хонандагон метавонанд аз мероси гаронарзиши гузаштагон истифода намоянд, ки саропо аз панду ҳикмат ва андарзу омӯзаҳои пурарзиш иборатанд ва воситаи тавоное дар ёдгирии забон ба шумор мераванд.

Мақсаду вазифаи таълим ва тарбия - ҳамчун ҷузъи таркибии таҳсилот дар шароити ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз он иборат аст, ки шаҳрвандони бомаърифат, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳаматарафа рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбиро тайёр намояд, то онҳо бо ормонҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои умумибашарии инсонпарварӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шуда бошанд. Албатта барои тарбияи шахсияти дорои чунин сифатҳои воло, истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ нақши бориз дорад.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузошта аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил ва дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии хусусиятҳои инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагонро аз нигоҳи педагогӣ таҳқиқ намудааст.

Таҳқиқоти олимон оид ба коркард ва рушди методологии масъалаҳои мухталифи методикаи таълими забони тоҷикӣ нақши мкуҳим доранд. Бахусус, дар таҳқиқоти олимони тоҷик, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, С. Шербоев, С. Аминов, Б. Камолиддинов, Ф. Зикриёев, С. Неъматов, Д. Хоҷаев, Н.Маъсумӣ, А.Эшонҷонов, С.Анварӣ, Г.Камолова, М.Мирзоева, С.Хоҷаев,

Э.Шарипов ва боз чанде дигар дар иртибот ба масъалаҳои гуногуни таълими забони тоҷикӣ тавсия ва мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд.

Осори гаронарзиши Камолиддинов Б., Ғаффоров Р., Қосимова М., Рустамов Ш., Атобуллоев С. ба таҳқиқи масоили синтаксис бахшида шуда, муҳақиқони варзидаи тоҷик Қурбонов М., Хоҷаев Д., Шербоев С., Казаков Б.И., Давлатова М., Набиев М., Ҳошимов М. оид ба таълими забони тоҷикӣ, махсусан, таълими синтаксис, дар заминаи осори классикон андешаҳои муфид пешниҳод кардаанд.

Илова бар ин, муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Никитина Е.И., Ладиженская Т.А., Бабайтсева В.В., Казакова Л.Ф., Купалова А.Ю., Триандафилиди Т., Сисолятина А.А., Романенкова О.А., Лойченко А.Б., Рамазанова Р.Р. низ ба ин масъала рӯй оварда, дар ҳалли муаммоҳои таълими синтаксис саҳми босазо гузоштаанд.

Масъалаи ба қадри кофӣ коркард нагардидан ва мавриди омӯзиш, ҳаллу фасли махсус қарор нагирифтани асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9-ум дар заминаи матнҳои осори классиконро, ки вижагиҳои хос дорад, ба асос гирифта, унвонҷӯ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ҷиҳати ҳалли он мавзуи рисолаи илмӣ "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" интихоб намудааст.

***Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо***

Дар рисолаи тақризшаванда барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия ҳалли масъалаву вазифаҳо гузошта шудаанд. Асосҳои консептуалӣ ва методологии муқаррароти мавҷуда дар иртибот ба методҳои таълими забони модарӣ, равишҳои муосир ва ҷанбаҳои гуногуни назария ва амалияи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ ташкил доданд, ки дар таҳқиқоти олимон муайян гардиданд.

Масъалаи асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии хонандагон синфҳои 8-9 дар муассисаҳои таълимӣ дар раванди ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти таълимӣ, тибқи талаботи барномавӣ – методии муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардонда шуданд. Махсусан, дар раванди таълими забони модарӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар баробари талаботи барномавӣ омӯзгори забон ва дабиёти тоҷик аз осори классикон истифода намудаанд, ки барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мусоидат менамоянд.

***Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Падидаи навгонӣ ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- Бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар асоси осори классикон сурат гирифта, натиҷаҳои он дар муассисаҳои таълимӣ санҷида шудааст;

- Таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар асоси осори классикон дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гашта, дар ин раванд ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият дар таълим равшанӣ андохта, муаммоҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим муқаррар карда шудаст;

- Собит гардид, ки ташаккули нутқи мураттаби хонандагон дар асоси осори классикон бо истифода аз модели (амсилаи) пешниҳошудаи таълимӣ бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ дар бобати асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушд ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хосро метавонад доро бошад;

- Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар ҷараёни таълими синтаксис дар асоси осори классикон собит кард, ки дар заминаи модели пешниҳодшуда хонандагон метавонанд ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ хубтар ва амиқтар ворид шаванд;

- Ниҳоят, дар системаи таълимии пешниҳодшуда дар муқоиса бо таълими анъанавии синтаксиси забони тоҷикӣ пешравӣ ва салоҳиятмандии муҳассилин бештар рушд ёфта, бахусус, татбиқи он дар асоси осори классикон метавонад мусбат арзёбӣ гардад.

Масъалаи ташаккул додани нутқи мураттаби хонандагон дар асоси осори классикон зимни таълими синтаксиси забони тоҷикӣ бори аввал дар доираи озмоиши таълимӣ роҳандозӣ гардидааст.

Арзёбии натиҷагирӣ дар таҳқиқотҳои таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, инчунин хулоса ва тавсияҳои методӣ аз он гувоҳ медиҳанд, ки муаллифи он ба мақсад ноил шудааст. Ҳадаф ва

вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл карда, фарзияи илмии пешнҳодшударо дар амал исбот ва тасдиқ намудааст.

Унвонҷӯ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна кӯшиш намудааст, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ташаккул додани нутқи мураттаби хонандагон дар асоси истифодаи осори классикон зимни таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро осори классикон воситаи босамари ташаккул додани нутқи хонандагон ба ҳисоб меравад.

***Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо аз дар диссертатсия зикршуда*** аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагонро омӯхта ва таҳлил намуда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии худро пешниҳод намудааст.

***Асосҳои методологии таҳқиқотро муаллиф*** дар заминаи осори олимони забоншинос ва методистони маъруфи ватанӣ ва хориҷи кишвар аз қабили Ш. Рустамов, Д. Тоҷиев, А. Мирзоев, М. Лутфуллозода, С. Аминов, С. Шербоев, А. Эшонҷонов Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Ф. Шарифзода, С.Хоҷиев, Т.А. Дейкина, В.В. Виноградов, Е.И. Никитина, Ю.А.Стрелникова, Т.К. Донченко, А.С. Каримова, П.А. Лекант, О.Б. Сиротинина, В.В. Текучев, М.Т. Баранов, Т.А. Ладиженская, В.М. Чистяков, В.П. Озерская омӯзишу таҳлил намудааст.

***Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия***

*Аҳаммияти назариявии тадқиқотро,* пеш аз ҳама, рӯй овардан ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, андешаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус, қарору фармонҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва пешниҳоду дархост ва супоришҳои дар Паёмҳои ҳарсолаи худ баррасинамудаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшидаанд.

*Аҳаммияти амалии тадқиқот:* маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои фаҳмидани синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

***Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;*** аз асоснок гардонидани ғояҳои асосии рисола, коркарди амсилаи консептуалие, ки дар асоси муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар заминаи осори пандомези классикон дар синфҳои 8-9, ташкили озмоишҳои педагогии муқарраркунанда ва таълимӣ (ё худ ташаккулдиҳанда) ва албатта, бобати омӯзиш ва таҳлилу баррасии маводи илмиву методӣ басо назаррас аст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ***

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2015-2024 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 21 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидааст. Маводи нашршуда мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

***Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ***

Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 201 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар он диаграмма, ҷадвал ва расмҳо истифода шудааст.

Дар қисмати муқаддимавии рисолаи диссертатсионӣ мубрамият ва дараҷаи интихоби мавзуъ асоснок карда шуда, мақсад, вазифа, объект, предмет, фарзияи таҳқиқ ва дар ин замина асосҳои назариявӣ ва методологии пажуҳиш, сарчашмаи омӯзиш, навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳиммияти назариявии диссертатсия мушаххасан баррасӣ гардида, ниҳоят, аҳаммияти амалӣ ва мавридҳои муаррифии натиҷаҳои бадастомада аз он пешниҳод шудааст.

***Дар боби якуми рисолаи илмӣ*** - “Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” масъалаҳои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои сода ва мураккаб, вазъи таълими наҳви забони тоҷикӣ дар доираи омӯзиши осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9, асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ

бо мақсади инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ Раҳимова М.А. дуруст қайд менамояд, ки масъалаи инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, парвариши малакаи ибораю ҷумласозӣ ва содаю равон ифода кардани фикр, дар маҷмуъ, дарси инкишофи тафаккур, хотира, малака ва маҳорати суханварӣ ба шумор меравад. Дар иртибот ба маводи назариявии барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 8-9 ва то кадом андоза дар асоси маводи аз осори классикон пешниҳодшуда ба роҳ мондани таълими мавзуъҳои таркибии ҳар фаслу боб, чи синтаксиси ҷумлаҳои сода дар синфи 8 ва чи синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор ёфтааст.

Муаллиф комилан дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши ғояҳо ва таълимоти педагогии мутафаккирони форсу тоҷик аҳаммияти илмиву амалиро доро аст ва омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ метавонанд аз нукоти муҳимми он дар раванди таълими забони тоҷикӣ истифода намоянд. Ба ибораи дигар, амалӣ сохтани талаботи мазкур на танҳо ба дӯши фанни адабиёт, балки истифодаи онҳо дар раванди таълими забони тоҷикӣ ҳам истисно нест. Дар заминаи осори барҷастаи бадеӣ, бахусус, осори пандомез ба роҳ мондани таълими синтаксис дар синфҳои 8-9 ва дар партави рушди нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон аз ҷумлаи масоили мубрами таълими фанни забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Ташаккули нутқи мураттаби хонандагон донистани асосҳои лингводидактикии омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ аҳаммияти калон дорад ва онро на бо роҳи аз худ кардани қоидаву таърифҳои грамматикӣ, балки дар заминаи кор бо матнҳо, хосатан, матнҳо (мисолҳо)-и аз осори адабиёти классикӣ интихобшуда омӯзонидан самарабахш хоҳад буд, зеро истифодаи чунин матнҳо дар инкишофи нутқи хонандагон ва рушди нерӯи зеҳнии онҳо ҳамеша нақши бориз доранд.

***Дар боби дуюми диссертатсия*** “Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб” масъалаҳои истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими ҷумлаҳои сода, истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии тоҷик барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 баррасӣ гардидаанд.

Кор аз рӯйи матнҳои адабиёти классикӣ имконоти услубӣ ва наҳвии забони тоҷикиро ба хонандагон муаррифӣ намуда, ҳамзамон барои бой гаштани захираи луғавии онҳо, ташаккули маҳорати суханварӣ, рушди салоҳиятҳои иртиботиашон мусоидат менамояд. Зарурати корбасти фаровони осори пандомези классикони форсу тоҷик дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз он иборат аст, ки ин навъи матнҳо беҳтарин маводи дидактикӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, масъалаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон зимни омӯзиши синтаксис дар синфҳои 8-9 дар заминаи ашъори ҳикамии классикон ва дар заминаи маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ масъалаи истифодаи осори манзуму мансури классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо ҳамгироии ду фан, яъне забони тоҷикӣ бо фанни адабиёти тоҷик мавриди таҳлили муфассал қарор додааст. Мақсад аз пеш гирифтани ин усули таълим сайқал додани маҳорати суханварӣ, бой намудани таркиби луғавӣ, ҷумлаоройӣ ва баёни озоди фикр мебошад, ки амалӣ намудани ин ҳадафҳо дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб имконияти бештар дорад.

Дар қисмати озмоиши таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии форс-тоҷик дар таълими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9" натиҷаҳои таълими озмоишию таҷрибавӣ баррасӣ гаштанд, ки тасдиқи фарзияи пешниҳодгардида мебошад.

Таҳлили ҳаматарафаи масъалаи таълими ҷумлаҳои сода дар синфҳои 8 ва ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар заминаи осори суханварони бузурги форс-тоҷик инкишофи мустақилияти тафаккур, нутқи мураттаби шифоҳиву хаттии бошуурона ва мавзуну дуруст ва тарбияи ахлоқиву хештаншиносии хонандагонро метавонад таъмин намояд. Корбурди маводи барҷаста аз осори пандомези классикон сабаби рушди маҳорати суханварӣ, муоширати озоду фасеҳ, ғановати захираи луғавӣ ва фаъолнокии зеҳнӣ, маърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегардад.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ дар таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методӣ оид ба масъалаи ба раванди таълими забони модарӣ ворид намудани осори пандомези классикон ва дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани аз онҳо, дастурҳои марбут ба роҳу усулҳои баргузории машғулиятҳо инъикос ва арзёбӣ гардидааст.

Унвонҷӯ бамаврид қайд намудаст, ки тавассути истифодаи осори пандомези классикон нерӯи эҷодӣ фаъол мегардад, рушди зеҳнӣ ва нутқи мураттаб ташаккул меёбад.

Дар фарҷоми рисола хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонидаи унвонҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия***

Тартиби таҳияи рисолаи диссертатсия ва фишурдаи автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии унвонҷӯй аз рӯйи ихтисос, номзади илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари рисолаи илмиро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф дуруст арзёбӣ карда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ***

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмил додани корҳои минбаъдаи илмӣ хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар кори диссертатсионӣ вазъи умумии инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар асоси озмоишҳои муқарраркунанда бо мақсади ошкор кардани маҳорату малакаи хонандагон ба кадри лозимӣ таҳлил нагардидааст. Чунин таҳлил метавонад барои муқоисаи натиҷаи озмоишҳои муқарраркунанда ва озмоишӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 натиҷаҳои беҳтарро пешниҳод намояд.

2. Агар аз ҷониби муаллиф амсилаи технологияҳои муосири педагоги инкишофи нутқи мураттаби хонандагон тавассути осори ниёгон мавриди истифода қарор меёфт, арзиши амалии таҳқиқотро вобаста ба талаботи замони муосир боз ҳам афзунтар мекард.

3. Хулосаи рисолаи илмӣ дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуну муҳтавои таҳкиқоти ба анҷомрасидаро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.

4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар рисола ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

***Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пурра мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи

он Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва
бознигариву такмили стандарт, барномаҳои
таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти
ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П.

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел: 55. 999.31.20; 10.110. 06.09
E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru

05.05.2025

Имзои Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмон Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.